Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)
E-mail:faridullo72@mail.ru

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Зоҳири Тоҷидин дар мавзуи «Фишангҳои амалигардонии сиёсати минтақавии давлат дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод карда шудааст**

Дар шароити мураккаб гардинаи ҷараёнҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва рушди бо тадириҷи талаботи аҳолӣ ба мол ва хизматрасониҳо, дарёфти равишҳои рушди инфрасохтори зарурии таъмини қаноатмандии ҷамъият яке аз масъалаҳои мубрам ба шумор меравад. Инчунин рушди бо суръати бахши хусусӣ ва афзоши талаб ба хизматрасониҳои давлатӣ ишора ба ҳамгироии захираҳои истеҳсолотро мекунад. Дар ин гуна шароитҳои ҳалталаб яке аз фишангҳои муҳим ва самаранок, ки дар батараф намудани мушкилот ва қонеъ гардонидани талабот заминаи мусоид мегузорад, ин шарикии давлат ва бахши хусусӣ мебошад.

Мутобиқи таҷрибаи Британияи Кабир ва ИМА истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар ҳамгироии имкониятҳо, тақсими хавфу хатар, инчунин пурра намудани камбудиҳои тарафҳо саҳм гузошта, натиҷаи ниҳоии он боиси таҷдид ва сохтумони объектҳои инфрасохтори зарурӣ мегардад, ки дар ниҳоят боиси қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ва рушди иқтисодию итҷимоии ҷумҳурӣ ё минтақа хизмат мекунад.

Бо назардошти ин ва дигар авлавиятҳо гуфтан мумкин аст, ки таҳқиқот дар мавзуи интихобгардида мубрам ва саривақтӣ мебошад. Муаллифи он дар интихоби мавзӯъ ва анҷоми таҳқиқот аз рӯйи он қарори дуруст қабул намудааст.

Дар мавриди шиносоӣ бо сохтор ва мазмуни автореферати диссертатсияи тақризшавнда маълум мегардад, ки муаллифи он таҳқиқоти бисёр хуби назариявию амалӣ анҷом дода, натиҷаи татбиқи хулосаю пешниҳоди он ҷиҳати рушди минтақаи ноҳияҳои тобеи марказ ва умуман ҷумҳурӣ замина гузошта метавонад.

Муаллиф мухимияти мавзуи мавриди назарро ошкор намуда, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро мутобиқ ба талаботи мавзӯи

таҳқиқшаванда ва мавҷудияти мушкилотҳои минтақаи интихобшуда гузоштааст, ки вобаста ба моҳияти навгониҳои илмӣ аз уҳдаи иҷрои вазифаҳои мазкур баромадааст.

Мазмун ва муҳтавои матни автореферат нишон медиҳад, ки натиҷаҳои ба дастомада дорои аҳамияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ мебошанд. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Дар таҳқиқоти анҷомдодашуда масъалаҳои мубрами маърифати молиявӣ таҳлил гардида, тавассути маълумотҳои дақиқи соҳавӣ асоснок карда шуда, пайдарпайии таҳқиқи назария, методология ва амалия дар сатҳи зарурӣ арзёбӣ гардидаанд. Ҳамчунин тамоми масъалаҳо ва пешниҳодҳо бо далелу рақамҳои оморӣ, ҳисоботи вазорату идораҳои дахлдор вобаста ба мавзуи таҳқиқгардида асоснок карда шудаанд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаи таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ, асос мееёбанд.

Натиҷаҳои асосии тадқиқоти илмӣ да маҷалаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шуда, да конференсияхои илми-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналхалқи ироа гардидааст.

Аз таҳлил ва баррасии автореферати диссертатсияи Зоҳири Тоҷидин дар мавзуи «Фишангҳои амалигардонии сиёсати минтақавии давлат дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» ба хулосае омадан мумкин аст, ки ӯ бо сабку услуби хоси таҳқиқотӣ ва қобилияти хуби эҷодокорӣ кори таҳқиқотии худро мустақилона анҷом дода, натиҷаҳои аҳаммияти назариявӣ ва амалидоштаро ба даст овардааст. Автореферати диссертатсия ба Шиносномаи тахассусҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат менамояд.

Дар баробари бартариятҳои кори мазкур хуб мешуд, ки муаллиф ҳангоми таҳқиқот нишондиҳандаҳои рушди минтақаи интихобнамударо бо дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ таҳлил намуда, сармояталабии онро бо ҳисоби аниқ нишон медод.

Эроди гирифташуда ба арзиши илмию амалии таҳқиқоти мазкур таъсири манфӣ намерасонад, хусусияти тавсиявӣ дорад. Хулоса, автореферати диссертатсионии тақризшаванда мустақиман анҷомёфта буда, аз рӯйи натиҷаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии ба дастовардашуда, ба талаботҳои муқарраргардидаи тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад. Аз ин сабаб, арзанда мешуморам, ки ба муаллифи он Зоҳири Тоҷидин дараҷаи

илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ арзанда мебошад.

Дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ
ва андозбандии Донишгоҳи давлатии Данғара,
доктори илмҳои иқтисодӣ Қодирзода Х.Қ.

Имзои Х.Қ. Қодирзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Данғара Тоирзода С.Т.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон,
ноҳияи Данғара, кӯчаи Марказӣ 25
Тел: (+992) 934348558

“____” __________соли 2025